# ТАҚРИЗ

ба автореферата диссертатсияи Аламуратов Бахтиёр Боронович дар мавзӯи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти унвони номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01.-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Дар шароити фаъолшавии тағйирёбии иқлим, ба амал омадани тағйиротҳои зиёд дар дастрасии шароити табиӣ дар экосистемаи кишоварзӣ ба назар расида барои таъминоти зироатҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ, технологияи нави парвариши зироати ҷуворимакка дар кишти ангорӣ, бештар талаб менамояд.

Дар равандҳои фаъолшавии шароитҳои муҳити зист, талаботҳои масоҳати кишти зироатҳои ғалладонагӣ, хӯроки чорво дар бисёр ноҳияҳои ҷумҳурӣ маҳдуд гардидааст. Аз тағйирёбии шароити муҳити зист, норасои нури афканишоти нури самарабахши офтоб, имконияти зиёд намудани истеҳсоли ғалла, хӯрокаҳо ва протеини растанӣ асосан бо роҳи баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва самаранок истифодабарии ҳар як гектари заминҳои обёришаванда, бештар ба омӯзиши дақиқ ниёз дорад. Дар ин самт татбиқи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ, навъҳо ва дурагаҳои типи интенсивӣ, ки ба реҷаҳои оптималии обёрӣ, ғизоӣ эҳтиёҷ доранд ва масрафҳои истеҳсолиро бо барзиёдатӣ бармегардонанд, аҳамияти калонро доро мебошанд.Таҳлилу баррасӣ ва муайян намудани таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар кишти ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, ин як падидаи нави илмӣ кишоварзӣ пажуҳиши илмиро талаб мекунад. Диссертант Аламуратов Б.Б., ин ҳолати мубрами кишоварзӣ-растанипарварииро саривақт дарк намуда, дар робита ба омӯзиш ва таҳқиқи он, ҳадаф ва мақсади худро дар яке аз ин самтҳо-таҳқиқи растанипарварӣ бо номи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ишорат менамояд, бо масъалагузориҳо матраҳ кардааст.

Дар шароити заминҳои обёришаванда истифодаи давраи тирамоҳ-зимистон-баҳор барои парвариши зироатҳои фосилавӣ, яке аз имкониятҳои зиёд намудани масоҳати заминҳои корам барои парвариши зироатҳои асосӣ, истеҳсоли хӯрокаҳо, ҳамчун як имконияти баланд бардоштани маҳсулнокии зироати ҷуворимакка дар кишти ангорӣ, омӯзиши хоси илмиро талаб менамояд, ки дар фишурдаи рисолаи Аламуратов Б.Б. таҳқиқ карда шудааст.

Аз таҳқиқи автореферат маълум гардид, ки диссертатсия аз муқаддима, 4 боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт бо фарогирии 153 номгӯй иборат аст.

Дар муқаддима моҳият ва мубрамияти мавзӯъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ ва мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш дуруст

инъикос ёфтааст. Инчунин, асосҳои назариявию методии объект таҳқиқ гардида, қимати илмиву амалии рисола бо далелҳои самти асоснок карда шудааст.

Диссертант тамоми паҳлуҳои пажӯҳишшавандаи мавзӯро мувофиқи мақсад таҳлилу тасниф намуда, дар зербобҳои боби аввал, омӯзиши масъалаҳои маҳсулнокии ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои мухталифи унсурҳои технологияи парвариши ҷуворимаккаро дар киштҳои ангорӣ, интихоби навъу дурагаҳо, муҳлати кишт, меъёри нуриҳои минералӣ дар мавриди ба нақшагирии ҳосили дон, речаҳои обёрӣ дар минтақаҳои гуногуни хокию биоиқлимӣ, таҳқиқ шуда бо таҳлилҳои хуби илмӣ баррасӣ карда, исбот намудааст, ки ки таъмини мӯътадили зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар кишти ангорӣ, бештар аз дуруст ҷойгир намудани миқдори ниҳолҳо дар киштзор мебошад.

Дар боби дуюм диссертант ба масъалаҳои муқаррар намудани хусусиятҳои сабзиш, инкишоф ва пойдоршавии ҳосили навъҳои гуногуни ҷуворимакка вобаста ба зичии ниҳолҳои онҳо дар киштҳои ангорӣ, ошкор намудани зичии оптималии ниҳолҳои навъҳои гуногуни ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ пас аз парвариши гандуми тирамоҳӣ, муайян намудани баҳои хӯрокии навъҳои гуногуни ҷуворимакка вобаста ба зичии ниҳолҳои онҳо, ошкор намудани аҳамияти агротехникии тавъами гандуми тирамоҳӣ бо ҷуворимаккаи ангорӣ вобаста ба навъҳо ва зичии гуногуни ниҳолҳои он, муайян намудани баҳои самаранокии иқтисодии парвариши ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ вобаста ба навъҳою зичии ниҳолҳои онҳо, диққати худро равона карда, самти таҳқиқи худро бештар ба хусусиятҳои сабзишу инкишоф ва маҳсулнокии навъҳои нави селексияи олимони тоҷик вобаста ба зичии ниҳолҳои онҳо дар киштҳои ангорӣ пас аз гандуми тирамоҳӣ муайян кардааст.

Дар боби сеюм, ҷараёни таҳқиқотҳои илмӣ таъсири тавъами гандуми тирамоҳӣ бо ҷуворимаккаи ангорӣ вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳои он ба ғуншавии моддаҳои органикӣ аз ҳисоби ҳосили хошоки гандуми тирамоҳӣ, баргу пояи хушки ҷуворимакка ва боқимондаҳои решагию ангории онҳо муайян намудааст.

Диссертант, дар рисолаи худ, бори аввал дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон хусусиятҳои сабзишу инкишоф ва маҳсулнокии навъҳои нави селексияи олимони тоҷик вобаста ба зичии ниҳолҳои онҳо дар киштҳои ангорӣ пас аз гандуми тирамоҳӣ муайян намудааст. Диссертант, дар ҷараёни таҳқиқотҳои илмӣ таъсири якҷояи гандуми тирамоҳӣ бо ҷуворимаккаи ангорӣ вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳои он ба ғуншавии моддаҳои органикӣ аз ҳисоби ҳосили хушки гандуми тирамоҳӣ баргу пояи хушки ҷуворимакка ва боқимондаҳои решагию ангории онҳо муайян намудааст.

Диссертант, навъҳои интихобшуда ва зичиҳои оптималии ниҳолҳои киштҳои ангории ҷуворимакка вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳо аз 5,8 то 7,6 т/га таҳлил намудааст.

Ҳамин тавр, фишурдаи диссертатсия Аламуратов Бахтиёр Боронович «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ҳадаф ва мазмуни асосии рисоларо бо дарназардошти омилҳои сохториву мундариҷавии таҳқиқот ба шакли мукаммал фаро гирифтааст.

Дар баробари ин дастовардҳои илмии диссертант, мехоҳам, мулоиҳизаҳои худро ҳамчун эрод пешниҳод намоям, ки ба назари ман ислоҳи он мазмуни автореферaтро тақвият мебашад. Диссертант дар фишурдаи рисола ба хатоҳои техникӣ, ба монанди: нодуруст истифода кардани аломати тире ва нимтире дар рӯйхати адабиётҳои истифодабурдашуда, ба назар расид, ки хоси хатти забони тоҷикӣ мебошанд, аҳамияти ҷиддӣ надодааст.

Хулоса, фишурдаи диссертатсия Аламуратов Бахтиёр Боронович «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» тамоми ҷанбаҳои мавзӯи таҳқиқро фаро гирифта анҷомёфта ба шумор меравад ва бешубҳа ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст. Муаллифи фишурдаи рисола ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01.-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Дотсенти кафедраи биохимия ва генетикаи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси
03.01.05 физиология ва биохимияи растаниҳо
E-mail: gayratzoda1971@ bк.ru
Тел: (+992100201171)

Ғайратзода М.Х.

Имзои «Ғайратзода М.Х.»-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Мустафозода А.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Х. Рудакӣ, 121.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
Тел.: (+992 37) 2214554, Сайт: www.tgpu.tj,E-mail: info@tgpu.tj.